**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи “Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)

Дар марҳалаи кунунии пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маориф, бахусус таҳсилоти олии касбӣ накши калидӣ дорад. Ҷиҳати рақобатпазирӣ ва мутобиқат ба низоми таҳсилоти ҷаҳонӣ он бояд ба яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ табдил ёбад ва дар низоми иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа ҷойгоҳи устувор дошта бошад.

Дар раванди тамоюли умумии коҳишёбии нисбии маблағгузории давлатии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ афзоиши ҳаҷми ин соҳа, пеш аз ҳама тавассути рушди фаъоли хидматрасониҳои пулакӣ таъмин карда мешавад. Сатҳи хизматрасонӣ ва пешниҳоди имкониятҳо барои гирифтани маълумоти олии касбӣ таҳсилот дар марҳилаи рушдёбии он боиси рақобат дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гардидааст. Дар ин замина барои дарёфти мавқеи устувор дар бозор, баланд бардоштани сифати барномаҳо таҳсилотӣ, таҳқиқи вазъи бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ ва меҳнат, махсусан талабот ба кадрҳо ва рафтори рақибон фаъол гардиданд.

Аз ин нуқтаи назар диссертатсияи Ҳасанзода Н.Ҳ., ки ба коркарди асосҳои назариявию амалии мукаммалгардонии механизми баланд бардоштани дороиҳои ғайримоддии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси таҳқиқи шароитҳо ва омилҳои ташаккулу рушди имиҷ ва асосноккунии роҳҳои баланд бардоштани он бахшида шудааст, басо муҳим ва саривақтӣ мебошад. Диссертант доир ба ҷойгоҳи имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар низоми дороиҳои ғайримоддӣ ва заминаҳои иҷтимоию иқтисодии ташаккул, масъалаҳои методии баҳогузории имиҷ таҳлили ҳамаҷониба анҷом дода, асосҳои сохторӣ ва механизми ташаккули имиҷи муассисаро пешниҳод намудааст.

Навгонии илмии татқиқоти мазкур асоноknамоии заминаҳои назарию амалии механизми баланд бардоштани дороиҳои ғайримоддии муассисаҳо ва коркарди тавсияву пешниҳодотро доир ба роҳҳои баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати таъмини рақобатпазирӣ ва рушди дарозмудати онҳо дар бар мегирад.

Муқаррар карда шудааст, ки имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро бештар имиҷи ҳайати омӯзгорон муайян мекунад, ки як қатор ҷанбаҳои муҳимро дар назар дорад. Симои омӯзгор дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, маҷмуи мутаносиби хислатҳои берунӣ ва дохилиест, ки сохтори онро ташкил медиҳанд ва дар навбати худ омодагӣ ва қобилияти инфиродии ӯро дар самти муносибат ва муомила бо ҷомеаи таҳсилотӣ муайян мекунанд.

Бо назардошти муҳиммияти масъалаи таҳқиқшаванда, ки ба рушди нерӯи инсонӣ дар робита бо талаботи бозори меҳнат дар шароити муосир бахшида шудааст, мазмунуну мундариҷа ва муҳтавои илмию амалии диссертатсия, саҳми шахсии довталаб дар иҷрои кори илмӣ, нашри мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқӣ, сохтор ва ҳаҷми кор, диссертатсияи Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи "Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон)" ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) сазовор мебошад.

Муовини ректор оид ба илми
Донишгоҳи давлатии Данғара,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қодирзода Х.Қ.

Суроға: 735320, вилояти Хатлон, шаҳраки Данғара, кучаи Марказӣ, 25. Тел.: 833122-28-06. E-mail: dddangara_2013@mail.ru.

Имзои Х.Қ. Кодирзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА